Бо Шурои диссертатсионии 6 D КОА-018
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 17)

# ТАҚРИЗ
**ба автореферати Исозода Баҳодур Чиллахон дар мавзуи “Нақши ҳокимияти судӣ дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01– Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат**

Муаллиф дар пажӯҳиши илмии худ яке аз масъалаҳои меҳварии назарияи давлати ҳуқуқбунёд - “Нақши ҳокимияти судӣ дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд”-ро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Мавзӯи мазкур дар шароити ҷаҳонишавӣ ва талоши давлатҳо барои таҳкими демократия ва волоияти қонун аҳаммияти бағоят муҳим пайдо намудааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар марҳилаи такмили сохторҳои давлатдорӣ ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон қарор дорад, муҳокимаи масъалаи мазкур саривақтӣ ва мубрам арзёбӣ мегардад.

Мавзуи интихобгардида дар шароити рушд ва такмили қонунгузории низоми судии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти махсус дорад. Ҳокимияти судӣ ҳамчун яке аз пояҳои асосии давлатдорӣ дар ҳар ҷомеаи ҳуқуқбунёд мақоми хосса дорад. Он дар таъмини риояи қонун, адолати иҷтимоӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ нақши калидӣ мебозад. Дар замони муосир суд на танҳо воситаи татбиқи қонун мебошад, балки ҳамчун кафили ҳимоя ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои шахсият ва шаҳрвандон баррасӣ мешавад — ҳуқуқҳое, ки дар сатҳи Конститутсияи миллӣ ва санадҳои муҳими ҳуқуқи байналмилалӣ ба расмият даровarда шудаанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳокимияти судӣ ҷузъи муҳимми низоми сиёсию ҳуқуқӣ буда, вазифаи асосии он ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таъмини баробарии ҳамагон дар назди қонун ва муҳайё намудани муҳокимаи одилонаи судӣ мебошад. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти ҳокимияти судиро ба таври возеҳ танзим намуда, мустақилият ва дахлнопазирии онро эътироф кардааст.

Ин санади олии ҳуқуқӣ заминаи ҳуқуқиро барои фаъолияти мустақили судҳо фароҳам овардааст ва тибқи он, ҳокимияти судӣ аз ҳокимиятҳои қонунгузор ва иҷроия ҷудо амал менамояд.

Ин принсип, ҷудоии ҳокимиятҳо, аз асосҳои бунёдии давлатдории демократӣ ба шумор рафта, барои таъмини волоияти қонун ва баробарии ҳуқуқии шаҳрвандон муҳит фароҳам меорад. Ҳокимияти судӣ дар чунин сохтори ҳуқуқӣ кафили он мебошад, ки ҳуқуқу озодиҳои инсонӣ зери ҳимоя қарор дошта, ҳар як шаҳрванд метавонад ба ҳимояи судӣ умед бандад.

Яке аз самтҳои муҳимтарини фаъолияти ҳокимияти судӣ, ҳифзи ҳуқуқи инсон ва таъмини амалӣ гардидани он мебошад. Дар шароити рушди босуръати ҷомеаи тоҷик ва равандҳои ҳамгироии он ба ҷомеаи ҷаҳонӣ масъалаи таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсонӣ аҳамияти бештар касб менамояд. Таъсири стандартҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ба ташаккул ва такмили қонунгузории миллӣ ва амалияи судӣ мусоидат менамояд.

Дар ин замина, аҳамияти махсусро он санадҳои байналмилалӣ доранд, ки Тоҷикистон онҳоро пазируфтааст, аз ҷумла Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон, Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, Конвенсия дар бораи ҳуқуқи кӯдак ва дигар ҳуҷҷатҳои муҳими байналмилалӣ, ки ҳуқуқи инсонро ҳамчун арзишҳои умумибашарӣ ва бозгаштнопазир эътироф мекунанд.

Мақсади асосии рисола, омӯзиши назариявии нақши ҳокимияти судӣ дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таҳлил ва пешниҳодҳои муфид барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти судҳо дар ин самт мебошад.

Диссертатсия аз ду боби асосӣ, хулоса ва рӯйхати адабиётҳо иборат буда, сохтори он ба талаботи тадқиқоти илмии номзадӣ ҷавобгӯ мебошад. Дар боби аввал, "Асосҳои назариявии мафҳум, моҳият ва мазмуни ҳифзи ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" — муаллиф ба таври ҳамаҷониба ба таҳлили мафҳумшиносии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва ҳифзи онҳо таваҷҷуҳ намуда, мавқеи ҳокимияти судиро дар ин раванд нишон медиҳад.

Боби дуюм бо унвони "Фаъолияти мақомоти судии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд" ба паҳлуҳои амалӣ ва институтсионалии мавзӯъ бахшида шудааст. Муаллиф тавассути таҳлили мақсад, вазифа, принсипҳо ва шаклҳои фаъолияти

ҳокимияти судӣ, мушкилоти амалии татбиқи ҳуқуқу озодиҳо тавассути судҳо, равшан намуда, ба баррасии дурнамои ислоҳоти низоми судӣ ва такмили механизмҳои ҳимояи судӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудааст.

Яке аз таҳқиқоти арзишноки ин диссертатсия дар он аст, ки муаллиф тавонистааст робитаи назариявӣ ва амалии ҳокимияти судиро бо принсипҳои ҳуқуқи инсон нишон диҳад, ҳамчунон саҳми судҳоро дар таҳкими волоияти қонун ва таъмини адолати судӣ равшан сохта пешниҳодҳои амалӣ барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти судҳоро таҳия намудааст.

Муаллиф мавқеи илмии худро бо такя ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои қонунгузорӣ, қарорҳои судҳои конститутсионӣ, қонунҳои соҳавӣ ва инчунин бо истифода аз таҷрибаи байналмилалӣ асоснок намудааст. Дар баробари ин, муаллиф аз маводҳои таҳқиқотии олимони ватанӣ ва хориҷӣ низ ба таври густурда истифода бурдааст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ метавонанд дар амалияи фаъолияти мақомоти судӣ, равандҳои омӯзишӣ ва дар такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон мавриди истифода қарор гиранд.

Рисолаи Исозода Баҳодур Чиллахон дар мавзуи "Нақши ҳокимияти судӣ дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01– Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, таҳқиқоти пурмазмун ва саривақтӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ва фаъолияти мақомоти судӣ мебошад. Тадқиқот ҷавобгӯи талаботи Комиссияи олии аттестатсионӣ буда, дорои навгониҳои назариявӣ ва аҳаммияти амалӣ мебошад.

Бо вуҷуди ин, қайд кардан ба маврид аст, ки дар матни автореферат баъзе масъалаҳои баҳсталаб ба назар мерасанд. Аз ҷумла: дар банди 5 **Тавсияҳои амалӣ ҷиҳати такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳимояи судии ҳуқуқи инсон** муаллиф адолати судиро ягона шакли фаъолияти ҳокимияти судӣ маҳсуб донистааст, ки чунин мавқеъ миёни олимони соҳаи назарияи ҳуқуқ, олимони саҳаҳои мухталифи мурофиаи судӣ ва муҳаққиқони самти фаъолияти судӣ хело баҳснок мебошад. Муаллифро лозим аст, ки дар раванди ҳимояи рисолаи илмӣ чунин мавқеъро бо далелҳои илмӣ асонок намояд.

Ҳамзамон муаллиф дар автореферат пешниҳод менамояд, ки дар “дар Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» боби алоҳида ворид карда шуда, дар он номгӯ ва таснифи принсипҳои асосии фаъолияти ҳокимияти судӣ мукаррар карда шавад”. Мусаллам аст, ки суд мақоми амаликунандаи ҳокимияти судӣ маҳсуб меёбад. Дар доираи қонуни конститутсионӣ «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» муқаррар намудани номгӯ ва таснифи принсипҳои асосии фаъолияти ҳокимияти судӣ, ки як шохаи мустақили ҳокимияти давлатӣ маҳсуб ёфта, он тартиби ташкил, сохтор ва фаъолияти қисме аз судҳои низоми судии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муқаррар менамояд, то кадом андоза мувофиқи мақсад ва илман асоснок мебошад?

Мавқеи ифрозшуда, сифр хусусияти мавқеи илмии тақриздиҳанда буда, мазмуни авторефератро, ки арзиши баланди илмӣ дорад, коста намегардонанд.

Автореферат ба талаботи банди 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Муаллиф сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01– Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

Муқарриз:
Профессори кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Х.М.Мирзамонзода

имзои Мирзамонзода Хайрулло Мирзамонро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Э.Ш. Шодихонзода

“06” октябри соли 2025